# ФАРМОИШИ
# РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «15» 05 соли 2026 № 170/бу ш. Душанбе

Дар бораи бозхонд намудани парвандаи
аттестатсионии Раҳматуллоева Гулханда Абдуллоевна

Мутобиқи сархати шашуми моддаи 16 ва сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1.Бо хоҳиши Раҳматуллоева Гулханда Абдуллоевна парвандаи аттестатсионии номбурда оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси “Адабиётшиносӣ” аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос дархости Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон рад карда шавад.

2. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ҳокимхон Ализода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода гузошта шавад.

Асос: аризаи довталаб Раҳматуллоева Г.А. аз 15 майи соли 2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ.

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ